**№2321/4.1.2 аз 15.02.2023**

Мақомоти ҳудудии андоз

«Оид ба тарҳи ҳиссаҷудокунии истеҳлокӣ
аз рӯи дороиҳои ғайримоддӣ»

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дар амал дуруст татбиқ намудани муқаррароти моддаи 203 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми пешниҳоди эъломияи андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ аз ҷониби андозсупорандагон барои соли 2022 ва давраҳои минбаъда, мактуби дастурии мазкурро барои коргузорӣ ирсол менамояд.

Тибқи қисми 3 моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» аз субъектҳои хоҷагидоре, ки ба сохтмони бино ва иншоот машғуланд, барои ҳуқуқи сохтмони объектҳои мазкур дар шаҳри Душанбе пардохт ситонида мешавад.

Натиҷаи таҳлилҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки аз ҷониби чунин субъектҳои хоҷагидор новобаста аз анҷом ёфтани сохтмони бино ва иншоот пардохт барои ҳуқуқи сохтмони объектҳои мазкур бархилофи муқаррароти қонунгузорӣ дар қисмати хароҷотҳои тарҳшавандаи эъломияи андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ ба пуррагӣ дарҷ карда мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки тибқи муқаррароти қисми 1 моддаи 203 Кодекси андоз ба арзиши дороиҳои ғайримоддӣ хароҷот барои объектҳои ғайримоддӣ (объектҳои моликияти ғайримоддӣ ба монанди иҷозатнома), ки дорои муҳлати маҳдуди истифода мебошанд ва дар давоми на камтар аз дувоздаҳ моҳ истифода мегарданд, дохил мешавад.

Мутобиқи моддаи 203 Кодекси андоз субъектҳои хоҷагидоре, ки ба сохтмони бино ва иншоот дар шаҳри Душанбе машғуланд, тарҳи истеҳлокиро барои ҳар пардохт барои додани иҷозати сохтмони бино ва иншоот дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон - шаҳри Душанбе, бояд бо роҳи тақсим намудани 100 фоиз ба миқдори солҳои истифодаи муфиди дороии ғайримоддӣ, яъне пурра ба итмом расидани иҷозатнома, ҳисоб намояд.

Ҳамзамон, дар моддаи мазкур меъёри истеҳлок барои дороии ғайримоддӣ, ки муҳлати истифодаи муфиди он зиёда аз 10 сол мебошад ё муайян намудани муҳлати истифодаи муфиди он имконнопазир аст, ба андозаи 10 фоиз пешбинӣ карда шудааст.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, мактуби дастурии мазкур барои корбарӣ ва истифодаи хизматӣ ирсол гардида, сарраёсатҳо, раёсатҳои дахлдори дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки муҳтавои мактуби дастурии мазкурро ба саъми андозсупорандагон расонида, ҳангоми баррасии нишондиҳандаҳои эъломияи андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ муқаррароти қайдгардидаро ба инобат гиранд.

Раис Н.Давлатзода